**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи доктории Нуров Нуралӣ Норович дар мавзӯи "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.**

Маълум аст, ки аз нимаи дувуми қарни бистум дар Ҳинду Покистон, Русия, Эрону Афғонистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон ва кишварҳои дигар теъдоде аз таҳқиқоти муҳим доир ба ҷанбаҳои ғоявӣ ва ҳунарии ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил анҷом дода шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз масъалаҳои ношинохта ё камомӯхташудаи марбут ба ҳаёт ва эҷодиёти Бедил боқӣ монда ва муҳаққиқони хешро интизоранд. Аз ҷумлаи чунин масъалаҳо баррасии поэтикаи ғазалиёти Бедил ҳисоб меёбад, ки то имрӯз ба таври монографӣ мавриди таҳқиқи алоҳида қарор дода нашудааст.

Аз ин ҷо, мавзӯи рисолаи доктории Нуров Н.Н. қарор гирифтани поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдуқодири Бедил иқдоми муҳим ва падидаи тозаи илмӣ дар таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии ғазалиёти Бедил ва умуман, бедилшиносии муосир мебошад. Мавзӯи таҳқиқоти рисола аз он ҷиҳат ҳам муҳим аст, ки то имрӯз дар адабиётшиносии муосир масъалаҳои куллии ҷанбаҳои ҳунарии ғазалиёти Бедил ва мақоми ӯ дар таҳаввули сабкиву мавзӯии жанри ғазал, масъалаҳои марбут ба поэтикаи забон, вожасозиву таъбирофаринӣ, тасвирсозӣ ва ҷойгоҳи анвоъи тасвир ва ғайра ба таври алоҳида ва дар шакли як рисолаи илмӣ таҳқиқ карда нашудааст.

Аҳамият ва тозагии илмии рисолаи тақризшаванда дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии муосири тоҷик дар доираи як асари монографӣ дар заминаи татбиқи меъёрҳои поэтикаи форсиву ҳиндӣ ва арабӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, баҳсу баррасии сарчашмашиносии ҷанбаҳои назарии

поэтикаи ашъори Бедил ва таҳқиқи масоили марбут ба поэтикаи забони ғазалиёти ӯ аз дидгоҳи татбиқи меъёрҳои балоғати ҳиндӣ дар шеъри форсӣ нахустин бор ба риштаи таҳқиқ гирифта шудааст. Дар иртибот ба ин, масъалаҳои вожаофаринӣ, вожасозӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва ҷойгоҳи вожаҳои хос дар коргоҳи хаёли шоир, тасвирсозӣ, бозтоби шоиронаи матолиби фалсафӣ, ахлоқӣ, ҳикамӣ ва амсоли инҳо мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода шудаанд.

Нусхаҳои хаттӣ ва чопии куллиёну Девони Бедил, аз ҷумла, нусхаҳои хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои Ризо Ромпур, Алигарҳ, Патна, Аграи Ҳинд, Ганҷбахш, Панҷоби Покистон ва Қоҳираи Миср, Девони ашъори шоирони маъруфи сабки ҳиндӣ, шоирони пайрави мактаби Бедил ва тазкираҳое, ки дар рӯзгори Бедил ва баъд аз ӯ таълиф гардидаанд, ба ҳайси маъхазҳои асосии таҳқиқи муаллифи рисола хидмат кардаанд.

Рисола дар асоси методи таърихӣ, таърихӣ - муқоисавӣ, сохторшиносии жанр, шинохти матни адабӣ, таҳлили дохилиматнӣ, таҳлили синхронӣ, таҳлили оморӣ ва дастовардҳои ҷадиди адабиётшиносии муосир таълиф ёфта, асоси назариявии онро дастовардҳои ховаршиносони ватаниву хориҷӣ, аз қабили Е.Э. Бертелс, Э.Браун, Н. Пригарина, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Абдулҳаққи Бетоб, Ғуломҳасани Муҷаддадӣ, доктор Асадулло Ҳабиб, Садриддин Айнӣ, Расул Ҳодизода, Худои Шарифов, Абдуманнон Насриддинов, Бобобек Раҳимов ва дигарон ташкил намудаанд.

Рисола аз муқаддима, 5 боб, 20 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима аҳамияти тадқиқи мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудани он баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии рисола мушаххас шудаанд. Дар баробари ин, дар муқаддима сарчашмашиносӣ ва методологияи таҳқиқот, арзишҳои назариву амалӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда шарҳу тафсир ёфтаанд.

Боби аввали рисола – **“Сохторшиносии ғазал ва таҳаввули он дар эҷодиёти Бедил”** ном дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Муаллиф дар фаслҳои ин боб роҷеъ ба масъалаҳои саҳми Бедил дар инкишофи жанри ғазал, аз лиҳози шаклу мазмун ба дараҷаи истиқлоли суввариву маънавӣ расондани хурдтарин воҳиди шеър “мисраъ” дар таркиби он, зарурату аҳамияти такрори қофия ва радифҳои нодир, корбурди анвои авзони ғазал дар девони Бедил пардохта, далелҳои фаровонеро аз ғазалиёти шоир барои тасдиқи андешаҳои илмиаш меоварад. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, диссертант дар фасли ҷудогонаи ин боб афкори адабии Бедилро дар оинаи ғазалиёти вай баррасӣ намуда, бо ин равиш ҳатто дидгоҳҳои хоси шоирро роҷеъ ба тозабаёнӣ ё таҷаддуд дар ин навъи шеърӣ, ки худ пеш гирифтааст, инчунин андешаҳои ӯро дар бораи худи навъи ғазал, ки бо шеваи шоирона баён шудаанд, шарҳу тафсир намудааст. Дар маҷмӯъ сохтори ғазалиёти Бедил ва таҳаввулу дигаргуншавии онҳоро дар марҳалаҳои муайяни болоравии ҳунари эҷодии Бедил ҳаматарафа муайян кардааст.

Боби дуюми рисола – “**Сабкшиносӣ ва поэтикаи забони ғазалиёти Бедил”**, шомили шаш фасл аст. Бегумон ин қисмат яке аз бобҳои аслии рисола ба шумор рафта, бозгӯи ғаври муаллиф дар ҳарф-ҳарфу калима-калимаи ғазалиёти шоири мавриди таҳқиқ ва далели алоқамандии амиқу ногусастании ду шохаи бузурги филология – адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ мебошад, ки имрӯз дар шеваи таҳқиқ ниҳоят аз ҳам ба дур афтодану эҷод шудани фосилаи бузурге дар байни онҳо ба мушоҳида мерасад. Ба таъбири дигар метавон гуфт, ки муҳаққиқ дар фаслҳои алоҳидаи ин боб фосилаи бузурги мазкурро дар мисоли ғазалиёти Бедил ва забони онҳо ба ҳам оварда тавонистааст. Муҳаққиқ, ки худ шоир низ ҳаст, дар фасли аввали боби дуюм ба бозкушоии гиреҳи “забони бедилӣ” ноил омада, ҳамзамон сарчашмаҳои зуҳур ва омилҳои интисоби печидагӯӣ бар онро бо ҷустуҷӯ дар осори адабиву илмӣ ва худи эҷодиёти Бедил муайян намуда, ба натиҷае расидааст, ки шавқи мутолиа ва дарки

мушкилоти шеъри Бедил, хусусан ғазалиёти вай бастагӣ ба донишу завқи адабӣ ва ҷаҳонбинии ҳаматарафаи хонандагони ҳар давру замон иртибот дошта метавонад, зеро вуҷуд ва зуҳури бардавоми маҳофили бедилхонӣ аз замони худи шоир то оғози асри XXI, ки дар ҳар гӯшае аз олами имрӯз ғарқ дар ҷаҳонишавӣ бо ташаббуси бедилдӯстон ва алоқамандони адабиёти форсу тоҷик баргузор мегашту мегардад, бурҳони қотеи он аст, ки қишри бештари ҷомеаи форсизабонон, бавижа худи аҳли қалам, ки баробари Бедил завқу ҳунари шоирӣ надоштаанд, бо сабабҳои таърихиву сиёсӣ дар маҳдудаҳои ҷуғрофиёии муайян аз адабиёти ҳунарӣ ё аз ҳунари адабии асил дур монда, ҳавсалаи таҳаммулу тааммул дар шеъри ин шоири дар як вақт содабаёнро надоштаанд ва аз ин рӯ, мушкилбаёниро ба номи вай ва осори гаронбаҳои ӯ мансуб донистаанд. Мухтаво ва шавоҳиди шеърии фаслҳои дуюму сеюми боби мазкур ва пайи ҳам дар сохтори рисола ҷойгир шудани онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муҳаққиқ, новобаста аз рангорангиву густардагӣ, манзараи дар ҳунари эҷодии Бедил ба ҳам омадану алоқаманд шудани маънофариву тасвирсозии бадеӣ ва забони бедилиро пеши чашм дошта, дар мисоли вожаи “нафас” ва санъатҳои бадеии киноёту муаммо хусусиятҳои умдаи сабки ғазалиёти ӯро ба таври барҷаставу фишурда рӯнамо кардааст. Муаллифи рисола, ки бар нодиртарин нусхаҳои хаттии Девони Бедил дастрасӣ пайдо кардаву аз масоили маҳдудияти алифбои кириллӣ дар ифодаи нозукиҳои забону хатти форсӣ, бавижа аз заъфи инъикос ё интиқоли вожаҳои таркибан се ё чаҳорҷузъа (ё зиёдтар аз ин) аз форсӣ ба кириллӣ то дараҷаи лозим огоҳ асту ба забони адабии ҳозираи тоҷик ва гӯишҳои он тасаллути комил дорад, дар боби дуюм фаслҳои чаҳоруму панҷум ба ҳаллу фасли масъалаҳои вожасозӣ, шеваҳои хоси таъбирофарӣ, корбурди хоси вожаву таркибҳо ва суннатҳои мардумӣ дар Девони Бедил муваффақ шудааст. Дар ҷараёни баёни матлаб дар фасли шашуми боби дуюм – “Шарҳ ва маънигузории шоирона дар Девони Бедил” аз тарафи муаллиф ба кор гирифтани

иборахои илмии тозаи бедилшиносие мисли “навъе ихтирооти шоиронагии Бедил”(саҳ. 193), “луғатномаи андешаҳои Бедил”(саҳ.195), “луғатномаи вежаи афкори Бедил” (саҳ.200), “фарҳанги дохилии девони Бедил” (саҳ.201), “фарҳанги шоиронаи каломи Бедил” (саҳ.209), “фарҳанги тафсирии хоси шеъри Бедил” (саҳ.210), “назари мушаххаси Бедил”(саҳ.207) “тафсири бедилона” (саҳ.198), “тафсирҳои тамсилӣ” (саҳ.212), ки зодаи коргоҳи таҳқиқи эҷодии ӯянд, аз он дарак медиҳанд, ки диссертант дар ҳақиқат, дар ин фасл ба ҳадафи дар пеши худ гузошта расидааст.

Боби сеюми рисола – “**Тасвирсозӣ, шигардҳои маъниофарӣ ва мазмунсозӣ**”, ки шомили чаҳор фасл аст, аз ихчамтарин бобҳои рисола ба лиҳози ҳаҷму дарунмоя маҳсуб меёбад. Дар фаслҳои ин боб масоиле назири ғазали тасвирӣ ва шеваҳои зуҳури он, тасвири табиат, тасвирҳои парадоксӣ, маъниофарӣ ва тавсеаи ҷанбаҳои мавзӯии ғазал дар девони Бедил ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида шудаанд. Дар мисоли як ғазал ба тарҳу таҳлил, тадқиқу баррасии матлаб пардохтан ва зимнан аз осори классикону худи Бедил низ шоҳид овардани муаллифи рисола дар фаслҳои ин боб, аз як ҷиҳат далели тавфиқи ӯ дар роҳи дарки мушкилоти шеъри Бедил буда, аз сӯи дигар омили муҳими банатиҷарасӣ ва хулосагирии дақиқ дар самти шинохти ҳунари шоирии Бедил, хусусан ҷанбае мисли такрори зоҳирии вожаҳову таобиру таркиботи ғазалҳо, ки аз ҷиҳати дарунмоя сирф такрор набуда, тасвиру маънои тозаи шоиронаанд, ба ҳисоб меравад. Дар ҷолибтарин фасли рисола, ки ба масъалаи санъати “парадокс” ва корбурди он дар шеъри Бедил ихтисос ёфтааст, огоҳии ҳамаҷонибаи муаллифи рисола дар мавриди таърифҳо ва назарияҳои тозае аз ин санъат дар адабиёти форсу тоҷик ва ҳинд мушоҳида шуда, қабулу радд ва натиҷагириҳои илмии ӯ нисбат ба андешаҳои олимони бедилшинос ва Озоди Балгиромиро ҳамчун шиносонандаи ин навъи санъат эътироф кардани ӯ, тақвияти ҷанбаҳои заъфи таърифии ин санъати серкорбурди девони Бедил, инчунин кашфу

истинботи маъниҳои парадоксӣ дар абёти шоҳид аз ғазалҳои шоир натиҷаи ҷустуҷӯҳои пайваставу пурсамар ва дақиқи ӯ дар шинохти ҳунари шоирии Бедил мебошад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба ин умқу густардагӣ матраҳ шудааст.

Дар чаҳор фасли боби чорум ва ду фасли боби панҷуми рисола масъалаҳои таъсирпазирии Бедил аз шоирони гузашта дар мисоли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлонои Балхию Толиби Омулӣ ва таъсири поэтикаи Бедил ба суханварони адабиёти тоҷикии Фароруд (аз нимаи дувуми асри ҳаждаҳ то аввали асри бист) дар мисоли мактаби пайравони Бедил дар адабиёти тоҷикии Фароруд ва шоирони давраи бозгашти адабӣ, аз ҷумла Сабоҳии Бедгулӣ хеле муфассалу мудаллал арзёбӣ шудааст.

Дараҷаи илмияти рисола, чунончи дар муқаддимаи он ба назар мерасад, дар қисмати хулосаи он низ, ба таври возеҳ мушоҳида мешавад. Диссертант ҳатто дар ин бахши рисола низ зимнан бо сабки хоси худ тавонистааст, ба баёни матолиби тозаву ҷолиб роҷеъ ба рӯзгору осори Абдулқодири Бедил мисли зикри иттиллои “Маҳабҳарата”-ро аз ёд донистани ӯ (саҳ.366) пардозад.

Аз ин рӯ, яке аз вижагиҳои муҳими рисолаи мазкурро сабки хоси баёни муаллиф метавон арзёбӣ намуд. Доманаи васеи мутолиа ва огоҳии амиқу густардаи муаллиф дар доираи мавзӯи таҳқиқ омили муҳими ташаккулёбии сабки хос дар баёни матолиби зиёду гуногуни дар ҳофиза гирдомадаи муаллиф гашта, ҳамзамон ба наҳви ҷумлаҳои илмии таъсирпазируфта аз забони бедилии вай зоҳиран тобиши печидагӣ ва мушкилфаҳмӣ додааст.

Шарҳу тафсиргунагии ағлаб фаслҳои рисола аз ҷумлаи хусусиятҳои умдаи он ба шумор меравад, ки ин ҳам бо таассур аз сарчашмаи таҳқиқ – ғазалиёти Бедил ба зуҳур пайваста, рисоларо вижагии шуруҳу тафосир додааст. Ин аст, ки ҳеч фасле аз рисола ба

чашм намехӯрад, ки бидуни абёти аз лиҳози поэтикӣ таҳлилнашуда бошад.

Дар ҳалли масоили меҳварии рисола умкравӣ ва дақиқандешии муаллиф, иқтибоси бамавриду зарурӣ ҳамчун далелу бурҳон  аз осори таҳқиқии бедилшиносони давраҳои гуногуни таърихӣ барои қабул ё радд, тақвияту тасбити андешаҳои илмии бедилпажӯҳон ва худи муаллиф, зикри ҷузъиёти нодири марбут ба поэтикаи ғазалиёти Бедил, барои ҳар як нуктаи илмии марбут ба мавзӯи рисола овардани абёти шоҳид аз ғазалиёти Бедил, зимни баррасии баъзе аз масоил рӯ овардан ба адабиётшиносии татбиқӣ ва ҳалли он нукта дар доираи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳиндиву чинӣ ва ба ин монанд вижагиҳоеро метавон дар матни рисолаи мавриди тақриз ба қайд гирифт, ки ҳамагӣ аз афзалиятҳои он ҳисобида мешаванд.

Бо вуҷуди афзалият ва дастовардҳои муаллиф дар ин рисолаи пурҳаҷм (маҷмӯан иборат аз 418 саҳифа) камбудиву норасоиҳое ба чашм мерасад, ки ба назари эътибор гирифтани онҳо боиси афзудани арзиши илмӣ ва амалии рисола хоҳад шуд:

1. Вуҷуди ҷумлаҳои тавзеҳии барзиёди дорои оҳангу сабки шоирона дар ҷо-ҷои рисола илмияти онро дар ҳамон саҳифаю фаслҳои марбут ба бобҳо коҳиш дода, навъе итноби илмиро ба зуҳур овардааст. Масалан, агар ба ҷумлаи аввали сархатти дуюми саҳ.214 назар афканем, аз ҳафт сатр иборат аст, ки сатрҳои 3-7 хусусияти тавзеҳиву таъкидӣ доранд ва набудани онҳо маънои ҷумларо халалдор намесозанд.

2. Вуҷуди ҷумлаҳои тавзеҳии дорои оҳангу сабки шоирона дар ҷо – ҷои рисола илмияти онро дар ҳамон саҳифаву фаслҳои марбут ба бобҳо коҳиш дода, навъе итноби илмиро ба зуҳур овардааст. Масалан, агар ба ҷумлаҳои аввали сархатти дуюми саҳ. 214 назар афканем, аз ҳафт сатр иборат буда, сатрҳои 3-хусусияти тавзеҳиву таъкидӣ доранд ва набудани онҳо маънои ҷумларо халалдор намесозанд.

3. Фасли савуми боби дувуми рисола “Васоити тасвири бадей дар ғазалиёти Бедил (дар мисоли киноёт ва муаммо) унвон гирифта, диссертант асосан, дар бораи ин ду санъат мулоҳизоти хешро баён кардааст. Хуб мешуд, ки нахуст роҷеъ ба муҳимтарин саноеи бадеии таркиби ашъори Бедил баён намуда, бо зикри намунаҳо оид ба дигар санъатҳои бадей низ изҳори назар мекард.

4. Боби чаҳоруми рисола ба мавзӯи таъсирпазирии Бедил аз шоирони гузашта бахшида шудааст. Дар ин боб диссертант асосан, ба ҷанбаҳои таъсиргузории ашъори устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлоно ва Толиби Омулӣ ба шеъри Бедил таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Агар роҷеъ ба таъсири сухани шоирони маъруфи дигар, ки ҷо- ҷо дар дигар фаслу бобҳои рисола низ ишороте ҷой дода мешуд, низ матолибе дар ин қисмат ҷой медод, мувофиқи мақсад мебуд. Албатта, дар боби аввали рисола ба нукоте дар ин мавзӯъ таъкид шудааст, аммо ба ин қисмати рисола овардани чунин матолиб мувофиқи мақсад аст.

5. Дар бахши “Сарчашмаҳои таҳқиқ”-и «Муқаддима» номи девон ё маҷмӯаи осори Сабоҳии Бедгулӣ, ки барои нишон додани таъсирпазирии ӯ аз Бедил фасле дар рисола мавҷуд аст, зикр наёфтааст. Ҳол он дар феҳристи адабиёти рисола ду нашри девони шоир оварда шудааст.

6. Дар иқтибосоти шавоҳиди шеърӣ аз Бедил ва шуарои дигар муаллифи рисола асосан, ба ғалатҳои имлоиву техникӣ роҳ додааст. Вале баъзан ба сабаби ғалатҳои роҳёфта вазн ё мазмуни байт халалдор шудааст. Масалан, дар байти зерин

Аз ҳаводис файзи маънӣ мебаранд аҳли сафо,

Мефурӯзад шамъи субҳ аз домани домони шаб. (дисс. 219)

калимаи “домон”-и аввал вазнро халалдор кардааст, бояд дар шакли “доман”-и сабт мешуд.

Бояд гуфт, ки ғалату иштибоҳоти зикршуда характери ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии рисолаи Нуралӣ Нуровро

коста наметавонанд. Муаллифи рисола вазифаву аҳдофи илмии дар рисола ба миён гузоштаашро комилан ҳал намудааст ва асари ӯ саҳми ҷиддӣ ва муҳим дар татбиқи масъалаҳои поэтикаи шеъри форсӣ, аз он ҷумла дар бедилшиносӣ мебошад.

Фишурда ва китобу мақолаҳои ба табъ расонидаи Нуров Н.Н. мазмуни асосии рисолаи ӯро дар худ таҷассум намудаанд.

Бо назардошти мулоҳизоти фавқуззикр бо камоли эътимод метавон гуфт, ки рисолаи таҳқиқотии Нуров Нуралӣ Норович "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил" ба талаботи меъёрҳои барои таълифи рисолаҳои докторӣ муқаррарнамудаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Абдусатторов
Абдушукур

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе: кӯчаи А. Командир –
ҳавлии 33
E-mail: abdusattorov@mail.ru
Тел.:+992904114840

Имзои А. Абдусатторовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға:

734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: 227-71-13, факс: 992372
E-mail: thu@mail.ru